آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

10 июни соли 2023
Шанбе
№ 46 (14953)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЎЗБЕКИСТОН – ИТАЛИЯ:

## МАРҲАЛАИ НАВИ МУҲИМИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶАНБА

**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Италия Серҷо Маттарелло Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 7-9 июн аз ин мамлакат бо ташрифи расмӣ боздид ба амал овард.**




Роҳбари давлат дар доираи чорабиниҳои ташрифи расмӣ дар Италия дар шаҳри Милан бо губернатори Ломбардия Аттилио Фонтана мулоқот намуд.

Ломбардия, ки дар қисми шимолии Италия ҷой гирифтааст, яке аз серҷамъияттарин ва бузургтарин минтақаҳои мамлакат ба шумор рафта, ба шумори минтақаи аз лиҳози иқтисодӣ тараққикардаи Италия дохил мегардад. Ин минтақа аз тамоми ММД мамлакат 22 фоизашро ташкил менамояд ва бинобар ин нишондод дар Иттиҳоди Аврупо ҷойи панҷумро ишғол мекунад.

Дар аввали мулоқот роҳбари давлат Аттилио Фонтанаро бо ба вазифаи губернаторӣ такроран интихоб гардиданаш табрик намуда, дар фаъолияташ дар ин вазифа тавфиқ хост.

Гуфтугӯҳое, ки дар доираи сафар бо Президенти Италия Серҷо Маттарелло ва Сарвазир Ҷорҷа Меланӣ босамар анҷом ёфтанд, бо қаноатмандӣ таъкид гардиданд, ки зимни ин мулоқотҳо дастгирии рушди робитаҳои байниминтақавӣ иброз гардид.

Дар вохӯрӣ ҷанбаҳои амалии ҳамкории муфиди тарафайн, дар навбати аввал дар соҳаи савдову сармоя муҳокима гардиданд.

Соли гузашта табодули амволи минтақаҳои Ӯзбекистон бо Ломбардия 83 фоиз афзуд. Моҳи апрел парвози байни Милан ва Тошканд барқарор гардид.

Робитаҳои мустаҳками шарикӣ бо ширкатҳои маъруфи минтақа, мисли Pietro Fiorentini, Terranova, Danieli, Fin. Opera ва ғайра ба роҳ андохта шудааст.

Президенти Ӯзбекистон аҳамияти афзоиши номгӯйи лоиҳаҳои муштараки савдову сармоя, ҳарчи бештар ҷалб намудани технология ва дониши пешқадами Италияро ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ӯзбекистон таъкид кард.

Ногузирии омодагии зудтари Барномаи доманфарохи ҳамкорӣ бо Ломбардия, дар Самарқанд баргузор намудани анҷумани муштараки сармоягузорӣ таъкид шуд.

Ба масъалаҳои амиқсозии ҳамкории саноатӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои пеш бурдани ташаббусҳои тиҷоратӣ, татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ дар соҳаи тиббиёт, рушди инноватсия, васеъ сохтани алоқаҳои маданиву гуманитарӣ, инчунин дар ҳар ду тараф баргузор намудани Рӯзҳои маданият эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Губернатор ба Президенти мамлакатамон барои дастгирии ҳамаҷонибаи лоиҳа ва ташаббусҳои корчаллонҳои Ломбардия дар Ӯзбекистон изҳори миннатдорӣ намуд. Омодагиро барои аз ҳар ҷиҳат ҳамдастӣ намудан ба шарикии тиҷоратии доманфарох ва ба тарафайн муфид бо минтақаҳои мамлакатамон собит намуд.

Дар поёни мулоқот роҳбари давлатамон ба Аттилио Фонтана дар омодагӣ ба Олимпиадаи зимистонаи соли 2026, ки дар Ломбардия баргузор мегардад, муваффақият таманно намуд.

Дар доираи барномаи кории ташрифи расмӣ ба Ҷумҳурии Италия Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Милан бо сармоягузорон ва намояндагони тиҷорати калони ин мамлакат вохӯрд.

Дар вохӯрӣ аз ҷониби Италия губернатори минтақаи Ломбардия Аттилио Фонтана, президенти Палатаи савдои «Италия – Ӯзбекистон» Ҷорҷо Веронези ва ҳамчунин беш аз 25 роҳбари ширкат ва корпоратсия, ассотсиатсия ва институтҳои молиявии маъруф, мисли Eni, Enel, Pietro Fiorentini, Sainem, Energy system, Imagro group, HT Holding, Danieli, SACE, Ferroli group, Arsenale group, Pirelli ва ғайра ширкат намуданд.

– Ин ташрифи аввалини ман ба мамлакати аҷоиби шумо – яке аз қадимтарин гаҳвораҳои тамаддуни ҷаҳон, маркази мероси ғании маданӣ ва технологияи баланд, манбаи илҳоми наслҳои бисёри рассомон ва шоирон, – чорабиниро кушода таъкид кард Президент Шавкат Мирзиёев. – Рамзист, ки маҳалли мулоқотамон маҳз Милан гардид, ки маркази иқтисодиёти имрӯз ба шумор меравад, ки дар он ҳаёти фаъоли корчаллонӣ дар авҷ буда, инноватсия ва технология тавлид мегардад, соҳаҳои нави саноат пайдо мешавад.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки солҳои охир ҳамкории иқтисодии байни Ӯзбекистон ва Италия тадриҷан инкишоф меёбад. Теъдоди корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи Италия дар мамлакатамон ду баробар зиёд шуд. Ҳаҷми савдои тарафайн бо суръати боваринок зиёд мегардад. Чандин лоиҳаи муштарак дар электротехника, металлургия ва ҳамчунин рушди инфрасохтор бомуваффақият инкишоф меёбад.

Роҳбари давлатамон гуфтугӯҳоеро, ки дар дараҷаи олӣ бо Президенти Италия Серҷо Маттарелло ва Сарвазир Ҷорҷа Мелонӣ баргузор гардиданд, чун босамар ва конструктив баҳо дод.

– Мо амалан дар таърихи муносиботи мамлакатҳоямон марҳалаи навро боз намудем ва онро ба дараҷаи шарикии стратегӣ бардоштем, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев. – Аҳду паймон намудем, ки ҳамкории тиҷоративу иқтисодиро тавсеа бахшида, барои тиҷорат шароити муносиб фароҳам оварда, механизмҳои нарми таъмини молиявии лоиҳаҳои муштаракро ҷорӣ намуда, ташаббусҳоятонро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намоем. Мо инчунин тарҳи рушди ояндаи ҳамкории саноатиро муайян кардем.

Дар татбиқи ҳама шартномаҳои имзогардида маҳз намояндагони тиҷорати Италия метавонанд саҳми бузург гузоранд. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳи сармоягузорони Италия ба Ӯзбекистонро бизнес-форуми муштарак, ки дар арафаи ташриф баргузор гардид, собит намуд, ки дар кори он қариб 300 нафар намояндагони доираҳои корчаллони ду мамлакат иштирок намуданд.

Дар поёни он чандин шартномаи нави сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ ба миқдори беш аз 9 миллиард евро имзо гардиданд. Ин лоиҳаҳои бузургҳаҷми ҳамкорӣ дар энергетика, газу кимё ва нафту газ, металлургия, кимё, саноати бофандагӣ ва хоҷагии қишлоқу дигар соҳаҳо мебошанд.

Зимни вохӯрӣ, дар ҳоле ки аҳамияти гуфтугӯи конструктив ва шаффофро таъкид мекард, ки дар асоси принсипҳои эътимод ва эҳтиром, хусусан дар партави гирумонҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва халалдоршавии занҷири гузоришҳои ҷаҳонӣ ҷараён дорад, роҳбари давлатамон омодагии Ӯзбекистонро барои вогузор намудани дастгирии васеъ ва майдонҳои босамар барои фаъолияташон дар мамлакатамон ба тиҷорати Италия иброз намуд.

Президент дар бобати ислоҳот ва бозсозиҳое, ки дар Ӯзбекистон ба вуқӯъ мепайванданд, алоҳида таваққуф намуд. Ҳамин тариқ, кори муттасил бинобар татбиқи механизмҳои бозори озод, таъмини рақобати солим ва дахлнопазирии моликияти хусусӣ, дастгирии соҳибкорӣ, татбиқи низоми босамари идораи давлатӣ ва дигар тағйироти мусбие, ки барои роҳандозии тиҷорат шароити комилан муносиб фароҳам меорад, таъкид шуд.

– Имрӯз дар мо тамоми шароит барои инкишоф ва шукуфоии тиҷорататон фароҳам оварда шудааст, – таъкид кард Президент Шавкат Мирзиёев. – Суботнокӣ, кафолати боваринок, муҳити муносиби сармоягузорӣ таъмин гаштааст. Ман ҳар яки шуморо барои боздид аз мамлакатамон даъват менамоям ва мехоҳам, ки шахсан бовар ҳосил кунед, ки Ӯзбекистони Нав – ин мамлакати нодире мебошад, ки имкониятҳояш воқеан беҳад аст.

Таъкид гардид, ки эффекти синергетикӣ аз муттаҳид гардидани захираҳои ғании табиӣ ва кадрҳои соҳибмалакаи Ӯзбекистон бо потенсиали технологӣ ва саноатии Италия имконият медиҳад, ки муштаракан маҳсулоте бо арзиши изофа истеҳсол гардида, ба бозорҳои мамлакатҳои сеюм содир гардад.

Ба ин маънӣ, барои кори якҷоя соҳаҳои энергетика, саноати хӯроквории ва бофандагӣ, хоҷагии қишлоқ, кимё ва автомобилсозӣ, электротехника ва ғайра муайян гардидаанд, ки ҷанбаҳои истиқболнок мебошанд.

Табодули афкори муфассал дар бобати нақшаҳо оид ба вусъат додани шарикӣ ба вуқӯъ пайваст. Вакилони доираҳои кории Италия босамарии ислоҳоти ҷории мамлакатамонро олӣ арзёбӣ намуданд, ки пойгоҳи рушди ҳамкориро дар оянда фароҳам меорад.

Таъкид шуд, ки Ӯзбекистон барои ширкатҳои Италия шарики стратегӣ ба шумор меравад, ки имконоти корро бо минтақаи истиқболноки Осиёи Марказӣ боз менамояд.

Тоҷирон ва сармоягузорони Италия пешниҳодот ва нақшаҳои дақиқро оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки муфиди тарафайн дар Ӯзбекистон, аз он ҷумла бо татбиқи василаҳои баландтехнологӣ ва инноватсионӣ эълон намуданд.

Барои мисол, сухан дар бораи васеъ намудани барномаи ҳамкории байниминтақавӣ бо минтақаи Ломбардия, лоиҳаҳои истиқболнок бобати такмули низоми тақсимоти газ дар Ӯзбекистон ва шабакаҳои тақсимоти электрикӣ дар шаҳри Тошканд, таҷдиди технологии Нирӯгоҳи барқи гармии Тошканд, сохтмони чандин корхона, аз он ҷумла дар бобати сӯхтани партов бо ҳосил намудани электроэнергия аз он дар вилояти Тошканд, поксозии хлори калий, истеҳсоли гидроксини калий, меламин, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, техникаи кишоварзӣ, вусъат додани плантатсияи заъфарон, афзоиши иқтидори истеҳсолии ЧС «Ӯзметкомбинат», бунёди Маркази технология ва инноватсияи Италия якҷоя бо Донишгоҳи политехникии Турин ва ғайра рафт.

Ғайр аз ин аҳду паймон дар заминаи тарбияи кадрҳо дар соҳаи саноат ба вуҷуд омад.

Пешвои мамлакатамон супориш дод, ки ҳар як ташаббусе, ки зимни ин вохӯрӣ садо дод, ба маҷмӯи «нақшаи роҳ» дохил карда шавад. Ба роҳбарони вазорат ва идораҳои Ӯзбекистон ҳамаҷониба ба шарикони Италия дар татбиқи лоиҳаҳои ҷорӣ ва нав дар мамлакатамон ҳамдастӣ намоянд.

Дар идомаи барномаи кории ташрифи расмӣ ба Италия Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз намоишгоҳи байналхалқии мошинсозии бофандагии ITMA-2023, ки ин рӯзҳо дар шаҳри Милан баргузор мегардад, боздид намуд.

Роҳбари давлатро губернатори минтақаи Ломбардия Аттилио Фонтана ва ташкилотчии намоишгоҳ – роҳбари Агентии Sematex Эрнэсто Маурэр ҳамроҳӣ намуданд. ITMA-2023 дар ҷаҳон бузургтарин намоишгоҳи технологияи бофандагӣ ва дӯзандагӣ мебошад, ки дар чор сол як бор баргузор мегардад. Охирон намоишгоҳ соли 2019 дар шаҳри Барселона баргузор шуда буд. Имсол дар кори намоишгоҳ, ки дар ҳудуди 20 гектар паҳн гаштааст, 1700 экспонент аз 47 мамлакати ҷаҳон, инчунин қариб 100 ҳазор меҳмон аз давлатҳои гуногун ширкат менамоянд.

Роҳбари давлат аз девораҳои ширкати ITEMA (Италия), Staubli group (Шведсария), Picanol ва Vandewiele (Белгия) ва дигар истеҳсолгарони бузурги ҷаҳонии таҷҳизоти калоба ва дӯзандагӣ боздид ба амал овард.

Ҳангоми боздид Президент Шавкат Мирзиёев бо роҳбарони ширкатҳо суҳбат намуда, бо тақдимоти технологии навгониҳои индустрия шинос гардид.

Имконоти роҳандозии барномаҳои муштараки инкишофи дӯзандагӣ, татбиқи лоиҳаҳои нави ҳамкорӣ, маҳаллисозии истеҳсоли таҷҳизоти дӯзандагӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ, боз намудани намояндагии ширкатҳо ва марказҳои хидматрасонии дастгоҳҳо дар Ӯзбекистон ва инчунин таҳияи барномаҳои тарбияи технологҳо, роҳандозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои илм ва технологияи замонавӣ ва ташаббусҳои дигар муҳокима гардиданд.

Президенти Ӯзбекистон истиқболнокии дар мамлакатамон татбиқ намудани замонавитарин таҷҳизот ва қарорҳои инноватсиониро дар соҳаи коркарди матоъ барои ихтирои «супер-материалҳо»- и бозоргир дар асоси истифодаи васеи робототехника ва зеҳни сунъӣ таъкид кард.

Технологияи нав имкон медиҳад, ки маҳсулоти бозоргир бо арзиши баланди изофа истеҳсол гардад, потенсиали содиротии соҳаи бофандагӣ ба андозаи назаррас афзояд, татбиқи лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли таҷҳизот имкон медиҳад, ки ҷойҳои нави кор ба вуҷуд ояд.

Дар поёни тамошои намоишгоҳ ба роҳбарони дахлдор омӯзиши имконоти татбиқи лоиҳаҳои маҳаллисозии таҷҳизот, релокатсияи истеҳсолот ва барномаҳои дар Ӯзбекистон таълимдиҳанда супоришҳо дода шуд.

Бо ҳамин ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Италия ба поён расид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**9 июл – Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

**2023 9-IYUL O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI PREZIDENTI SAYLOVI**

*Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрӯзаи рӯзнома матолиб бахшида ба дастгирии номзад ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон Улуғбек Иноятов ва номзад ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонон – Ҳизби либералию демократии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев чоп мегарданд.*

*Маводи мазкур дар доираи тарғиботи номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бепул нашр мегарданд.*

***(Матолиби мазкур дар саҳифаҳои 2 ва 3 нашр мегарданд).***

## БОҒҲОИ ЛАЛМИИ ЧИРОҚЧӢ

***Ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё бештар аз заминҳои лалмӣ иборат буда, аҳолии он дар қатори чорводорӣ, ки аз шуғлҳои дӯстдоштаи онҳост, бо кишоварзӣ ҳам машғуланд.***

Аммо кишоварзӣ дар Чироқчӣ кори саҳле нест ва матонату машаққати зиёде талаб мекунад. Азбаски дар ҳудуди ноҳия норасоии об аз қадим ҳис мешаванд ва кунун ба як мушкили таҳдидкунанда табдил меёбанд (бар замми ин аксари заминҳои он лалмӣ ҳастанд), мардум ҳам рӯ ба раҳми Худо овардаву бештар мунтазири боришот мемонанд. Солҳое, ки обу ҳавои кишвар мусоид омада, боришоти табъи дил мефароянд, кишоварзон низ ҳосили дилхоҳ ба даст меоваранд ва солро бо натиҷаҳои хуб ҷамъбаст месозанд. Вале таҷрибаҳои солҳои охир нишон доданд, ки мунтазири мусоидии обу ҳаво мондан ба нафъи кор нест ва ин амал ҳалли мушкилоти бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намудани бозорҳои дохилиро зери суол қарор медиҳад. Мутахассисони ноҳия аз дархости роҳбарияти ҷумҳурӣ дар робита ба ҳарчӣ бештар истеҳсол намудани маводи ғизоӣ хулосаи амиқ бароварда, дар ин авохир азм намуданд, ки таҷрибаи кишварҳои ҷаҳонро дар ин замина омӯзанд ва дар навбати аввал лоиҳаҳои камхарҷи содаро дар амал татбиқ созанд. Маълум гардид, ки агар инсон азм кунад ва ақлу хиради худро ба кор барад, аз заминҳои санглох низ ҳосили дилхоҳ ба даст овардан мумкин будааст. Тараққиёти илмиву техникӣ, хусусан ба вуҷуд омадани роҳҳои интенсиви технологияи обёрии замин ва истифодаи босамари он дар ҳаёт ба кишоварзон имкон медиҳад, ки бидуни харҷи зиёди об ҳам ба гирифтани ҳосили дилхоҳ муваффақ гарданд.

Имрӯз дар ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё дар асоси таҷрибаҳои пешқадам боғҳои лалмие бунёд мешаванд, ки дар солҳои наздик самари хуб дода, талаботи рӯзафзуни ҷомеаро ба маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза таъмин менамоянд. Дар заминҳои лалмӣ анорзор, пистазор, чормағз ва токзор бунёд ёфтанд ва заминҳои лалмии солҳои дароз бекорхобида дубора мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Дар раъси ин бунёдкориҳои созанда ҳокими ноҳия Нодир Эркаев меистад, ки дар роҳи ба як ноҳияи пешқадам мубаддал кардани Чироқчӣ аз таҳти дил часпу талош дорад.

Хусусан таҷрибаи истифодаи босамари заминҳои лалмӣ дар асоси технологияи пешқадам дар маҳаллаи «Қуруқсой»- и ноҳия ба таври васеъ истифода мешавад. Ин маҳалла дар доманаи кӯҳистон ҷой гирифта ва заминҳои васеи лалмиро соҳиб аст. Ёвари ҳокими ноҳия Сироҷиддин Қаҳҳоров гуфт, ки 15 гектар замини лалмӣ, ки аз камбуди об солҳои мадид аз истифода берун монда буданд, дубора коркард шуда, ба кишоварзони маҳалла дода шуд. Ба панҷ нафар аҳли маҳалла ба миқдори 100 миллион сӯм қарзи имтиёзнок ҷудо гардиданд. Ҳамчунин ба 10 нафар аз аҳли маҳаллаи «Қуруқсой» барои кандан ва сохтани чоҳҳои замонавии об низ қарзҳои имтиёзнок дода шуданд. Ба гуфтаи С. Қаҳҳоров, чоҳҳо дастӣ ва бо кумаки техника бунёд шуданд ва кунун заминҳои лалмиро бо об таъмин месозанд. Обёрӣ ҳам дар асоси технологияи пешқадам дар амал татбиқ меёбад ва ҳоло боғзори васеъ барпо гашта, дар миёни қаторҳои дарахтони зардолу, бодом ва гелос истеҳсоли маҳсулоти дигари полизӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Интизор меравад, ки таҷрибаи кишоварзони маҳаллаи «Қуруқсой» дар дигар мавзеъҳои ноҳия ва ҳатто берун аз он ба таври васеъ истифода хоҳад гашт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

# КОНСЕПСИЯИ ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ

## ДАР БАРНОМАИ НОМЗАД БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТӢ



***5 июни соли ҷорӣ Комиссияи марказии интихоботӣ Улуғбек Илясович Иноятовро аз Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон ҳамчун номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба қайд гирифт. Дар анҷумани XIII Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон, ки 29 майи соли равон баргузор шуд, барномаи номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон якдилона тасдиқ шуда буд.***

Барномаи мазкур бинобар 9 самти афзалиятноки сиёсати устувори иҷтимоӣ, манзили арзон ва хидматрасонии босифати коммуналӣ, хидматрасонии тиббии кафолатнок ва босифат, пурзўр гардондани кафолатҳои таълими ҷавонон, иқтисоди бозаргонии ба иҷтимоиёт нигарондашуда, қобили қабули иҷтимоии молҳо ва хидматрасонӣ, демократияи ба баробарии иҷтимоӣ асосёфта, ислоҳоти суду ҳуқуқ, сиёсати конструктивии хориҷӣ пешниҳоду ташаббусҳоро дарбар мегирад.

Мақсади барномавии Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон консепсияи давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Аз ин рў, барномаи номзад ба таҳкими механизмҳои татбиқи самарабахши ўҳдадориҳои иҷтимоии давлат ва бунёди давлати демократии иҷтимоӣ дар асоси мақоми давлати иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар таҳрири нав муайян гардидааст, нигаронда шудааст.

Маълум аст, ки сиёсати иҷтимоӣ ин рушд ва идоракунӣ, ҳатто метавон гуфт, ки пояи ҳар як кишвар аст. Нақши он дар танзими баробарӣ байни одамону гурўҳҳои мухталифи ҷомеа, таъмини адолати иҷтимоӣ ва мувозинати иҷтимоӣ назаррас аст.

Ҳарчанд олимони муҳаққиқ нуқтаи назареро пешниҳод мекунанд, ки сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун падидаи таърихӣ дар нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфтааст, фактҳои зиёди аз он далолатдиҳанда мавҷуд аст, дар тамаддуни дури башарӣ як қатор кишварҳо аз механизмҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигари таъсиррасонӣ барои барҳам додани нобаробарии иҷтимоӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ истифода бурдаанд.

Барномаи ба миён гузоштаи номзад ба мақоми Президент аз Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон, ки бунёди давлати иҷтимоиро мақсади асосии худ меҳисобад, аз ин факт асос ёфтааст.

Ин барнома, ки барои барҳам додани тафовутҳои мавҷудаи иҷтимоӣ чораҳои қатъӣ пешниҳод мекунад, бо роҳи муайян намудани фарқияти байни гурўҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва одамон оид ба вазъи иқтисодии онҳо, даромад, нишондиҳандаҳои истеъмолӣ, шароити меҳнат, нигаҳдории тандурустӣ ва дигар, инчунин омўзиши сабабҳои нобаробарӣ дар худ як қатор ғояву ташаббусҳои возеҳу муфассалро дар асоси «Давлат бояд барои пурра таъмин намудани манфиатҳои аҳолӣ сиёсати пурзўри иҷтимоӣ пеш барад» дарбар мегирад.

Маълум, ки ислоҳоте, ки ба минбаъд баланд бардоштани нақши сектори хусусӣ дар кишвари мо нигаронда шудааст, барои зиёд гардондани шумораи мулкдорони имконпазир асос фароҳам меоварад. Онҳо ҳамчун қувваи суръатбахшандаи рушди кишвар амал мекунанд. Ин, бешубҳа, хуб аст. Аммо дар баробари ин дигар қишри намояндагоне ҳастанд, ки ба ин ё он шакли дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятӣ эҳтиёҷ доранд. Пиронсолон, маъюбон, ятимон, бекорон, кўдакон ва дигар шаҳрвандони эҳтиёҷманди ҳифзи иҷтимоӣ набояд аз эътибор дур монанд.

Комилан табиист, ки Ўзбекистон бо роҳи тараққиёти мустақил пеш рафта, ҳамчун давлати иҷтимоӣ арзи вуҷуд мекунад. Аз ҷумла, барои ин қоидаҳои асосӣ, ки дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар таҳрири нав муайян шудаанд, асоси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин ҷост, ки дар барномаи номбурда қайд карда мешавад, ки ҳангоми ба амал баровардани сиёсати пурзўри иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бояд шароити манзилии табақаи аҳолии камтаъминро беҳтар гардонд.

Дар ҳақиқат, дар солҳои охир мамлакати мо аз ўҳдаи ин вазифаи душвор то андозае баромад. Дар соҳаҳои маориф, хидматрасонии тиббӣ, таъминоти моддиву маънавии намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ таҷрибае ташаккул ёфтааст, ки барои бисёр мамлакатҳо ибрат шуда метавонад. Аммо бо дарназардошти он, ки ҳар як инсон ҳақ дорад хушбахтона ва бароҳат зиндагӣ кунад, замони кунунӣ дар назди давлатамон ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандони ниёзманд вазифаҳои нав мегузорад.

Дар мавриди баланд бардоштани сатҳи зиндагии намояндагони табақаҳои камбизоати аҳолӣ зарур аст, ки хатти камбизоатӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ аз нав дида баромада, тадбирҳои расондани ёрии амалӣ ба шаҳрвандони камбизоат ба сатҳи нав бароварда шаванд. Дар барнома ҳамчун идомаи мантиқии он масъалаи дар сатҳи ҳуқуқӣ муқаррар намудани ҳадди ақалли хароҷоти истеъмолӣ барои эҳтиёҷоти рўзмарраи ҳар як шахс ва бо ин мақсад таҳияи лоиҳаи қонун «Дар бораи тартиби муайян намудани хароҷоти минималии истеъмолӣ» ба миён гузошта шуд.

Танзими бозори меҳнат, ки ҳар сол на саддҳо, балки садҳо ҳазор нафар писарону духтарони қобили меҳнат мебароянд, ҳифзи шаҳрвандон аз бекорӣ ва ба ин васила паст кардани сатҳи камбизоатӣ, нигоҳубини оилаҳо, кўдакон, занон, пиронсолон ва маъюбон қадами навбатии сиёсати пурзўри иҷтимоӣ мебошад.

Қайд бояд кард, ки аксарияти мушкилоте, ки имрўз дар ҷомеаи мо ба миён меоянд, ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонону занон содир мешаванд, аксаран аз мушкилоти марбут ба бекорӣ сар мезананд. Аз ин рў, бояд чораҳое андешид, ки ба амалӣ гардондани роҳҳои бештари самарабахш дар ин самт нигаронда шудаанд.

Бо назардошти он, ки дар мамлакати мо шумораи шаҳрвандони 60-сола ва аз он боло сол то сол зиёд мешавад, ҷиҳати дигари шоёни эътироф он аст, ки дар барномаи номзад аз ҲХД вазифаи пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҳаётии инсон аз ҳисоби нафақа ва кумакпулии иҷтимоӣ муайян шудааст.

Таваҷҷуҳ ба пурзўр намудани назорати ҷамоатӣ аз болои таъмини мақсаднок ва нишонадори додани ёрии моддӣ ва иҷтимоӣ, ки ба эҳтиёҷмандон ҷудо карда мешавад, маънои онро дорад, ки дар ин самт талаботи қонун қатъӣ риоя карда мешавад ва ниҳодҳои давлатӣ барои таъмини шаффофият як хел масъуланд.

Рушди ҳар як кишвар, муҳити иҷтимоию маънавии онро низ муносибат ба гурўҳи дигари камдаромад – маъюбон муайян мекунад. Мутаассифона, дар ҷомеаи мо то ҳол чунин ақидаҳо вуҷуд доранд, ки ба маъюбон бо сабабҳои гуногун барои ҳаёти фаъоли иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ имкониятҳои зиёд дода намешаванд.

Баъзе меъёрҳои беасос дар таъмини ҳуқуқи онҳо ба таълим, дастрасӣ ба хидматрасонии тиббӣ ва шуғл бекор карда нашудааст. Таваҷҷуҳи ин тоифаи шахсон бо насби лифт ё пандусҳо дар биноҳо, додани кумакпулии ҳармоҳа маҳдуд карда намешавад. Замони имрўза тақозо мекунад, ки ҷомеаи фарогир, ки ба ҳамаи шаҳрвандон, аз ҷумла маъюбон, имкониятҳои баробарро барои амалӣ намудани ҳуқуқи худ таъмин мекунад, фароҳам оварда шавад, инчунин ўҳдадориҳои давлат ниёзҳои маъюбонро дар ҳама барномаҳо ба эътибор гирад ва иштироки онҳоро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт кафолат диҳад.

Дар барнома инчунин вазифаҳои мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба принсипҳо ва меъёрҳои Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи шахсони маъюб; татбиқи меъёр ва андозаҳои байналмилалӣ барои шахсони ногиро дар қонунгузории миллӣ; андешидани чораҳои зарурӣ барои татбиқи Барномаи умумиҷаҳонии амалиёти ҷаҳонии СММ нисбати ногиропҳо дар кишвари мо инъикос ёфтааст. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор барои ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар соҳаи баланд бардоштани сифати ҳаёти одамони ногиро роҳ мекушояд.

Ўзбекистон кишварест, ки фароҳам овардани зиндагии бароҳат барои шаҳрвандони худ ва роҳи рушди устуворро интихоб кардааст ва мо ин даъватҳоро нодида намегирем. Дар барномаи номзад ба мақоми президентӣ аз Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон У. Иноятов ғояҳои пешбурди сиёсати пурқуввати иҷтимоӣ фаро гирифта шудааст ва он аз он шаҳодат медиҳад, ки ба принсипҳои инсондўстӣ ва рушд айнан мувофиқ аст.

Меъёрҳои адолати иҷтимоӣ бояд афзалияти сиёсати манзил гардад. Додани манзил яке аз ҷузъи муҳими ҳуқуқи ҳар як шахс барои таълим, шуғл ва ҳифз аз бекорӣ мебошад. Аз ҷумла, мардуми мо соҳиби манзил шуданро яке аз шартҳои асосии зиндагии шоиста медонанд. Дар ҷомеаи мо зарбулмасалу мақолҳо дар бораи сарпаноҳ аз қабили «Хонаи ман – қалъаи ман» ончунон реша давондаанд, ки ҳарчанд замон дигар шуда бошад ҳам, урфу одати мо оиди манзил барои кўдаки навзоди худ нигоҳ дошта шудааст.

Воқеан эҳтиёҷоти асосии ҳаёти инсон аз мавҷудияти манзили устувору бароҳат оғоз меёбад. Чунки агар шумо хона дошта бошед, дилатон ором мегирад, худро хушбахт эҳсос мекунед, рўзгоратон фаровон мегардад. Ҳамин тавр, ҳуқуқи ҳар як кас ба манзил дар таҳрири нави Конститутсия (моддаи 47) муайян шудааст.



Ба ин муносибат ҳаҷми додани манзил, пешниҳоди субсид, ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуҳлати ипотекиро ба намояндагони табақаи ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд, аз он ҷумла шахсони маълўл, оилаҳои камтаъмин ва ҷавон, инчунин занони эҳтиёҷманд бояд пурзўр гардонд.

Дар посух ба ин суол дар барномаи номзад аз Ҳизби халқӣ-демократӣ ба мақоми Президенти Ўзбекистон зарурати афзун гардондани ҳаҷми кор дар самти мазкур, ба сатҳи баландтар бардоштани он бо назардошти воқеъияти имрўза ва пешомад таъкид меёбад. «Мо тарафдори васеъ намудани миқёси сохтмони манзилҳои истиқоматии арзон барои шахсони камдаромад, аз ҷумла барои маъюбон, волидоне, ки бачаҳои ногиронро тарбия мекунанд, бонувони дар вазъи мушкили иҷтимоӣ қарордошта мебошем», – таъкид меёбад дар барнома.

Ба сифати ҳалли ин мушкилот як қатор вазифаҳо пешниҳод шудаанд. Чи хеле, ки дар моддаи 57-уми Конститутсия дар таҳрири нав муайян шудааст, асоси ҳуқуқии вазифаҳои дар барнома зикргардида аз он иборат аст, ки «ҳуқуқи куҳансолони ғайри қобили меҳнат ва танҳо, шахсони ногиро ва дигар табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ночори аҳолӣ таҳти ҳимояи давлат қарор дорад».

Вазифаҳои дар барнома муайяншуда ҳамчун густариши минбаъдаи амалиёти пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки ипотекӣ барои сохтмони манзилҳои арзон барои шаҳрвандони камтаъмин ва танзими масъалаи мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ, ташаббус оид ба қабули қонун «Дар бораи дастгирии давлатии сохтмони манзил» метавонад барои ин масъала роҳи ҳаллу фасли он гардад.

Аз соли 2020 сохтмони манзил ба сектори ғайридавлатӣ гузаронда шуд, ки ба пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва фароҳам овардани муҳити рақобатпазир дар соҳа хидмат мекунад.

Чи хеле, ки мо шоҳиди зимистони қаҳратун дар соли гузашта, рўзҳои офтобӣ дар аввали мавсими баҳор ва гарм омадани тобистон шудем, ҳамаи онҳо камбудиҳои низоми алоқа ва коммуникатсияро зоҳир мекунанд.

Албатта, имрўз шаҳрвандон аз давлат чораҳои иловагии дақиқ ва зарурии амалиро оид ба расондани хидмати босифати коммуналӣ интизоранд.

Ҷолиби диққат аст, ки ин масъала инчунин дар барномаи номзад аз Ҳизби халқӣ-демократӣ ҳамчун татбиқи барномаи минтақавии сармоягузорӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ, таъминоти гармӣ ва оби гарм, аз он ҷумла барномаи шарикии давлативу хусусӣ дар маҳалҳо, пурзўр гардондани назорати ҷамъиятӣ барои тарифҳои хидматрасонии коммуналӣ инъикос ёфтааст.

Боз як ҷанбаи муҳим. Пинҳон кардан лозим нест, ки дар минтақаҳои кишварамон асосан дар ноҳияҳои пойтахт дар рафти корҳои ободонӣ низ сохтмонҳои ғайриқонунӣ мушоҳида мешаванд.

Кўшишҳои соҳибкор барои сохтани объекте (асосан биноҳои баландошёна), ки қонун иҷозат надодааст ва дар баъзе мавридҳо бунёди биноҳои ғайриқонунӣ, ки дар натиҷа ба шабакаҳои муҳандисии аз ҷиҳати техникӣ фарсуда сарбории зиёдатӣ меорад, ҳолатҳои ғайриқонунӣ буридани дарахтони бисёрсола, ки ба табиат зарари калон мерасонад, мушоҳида мешаванд.

Барои ҳалли ин масъала натанҳо давлат, балки мақомоти назорати халқӣ низ кор пеш баранд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Ба ин муносибат дар барнома ҳамчун тадбири дахлдор ба мақсади пешгирӣ намудани сохтмонҳои ғайриқонунӣ дар маҳалҳо ба амал баровардани назорати маҳаллии ҷамъиятӣ пурзўр карда шудааст. Дар шаҳрҳо ва маҳаллаҳои истиқоматӣ васеъ намудани майдончаҳои кабудизор, боғи истироҳат, майдончаҳои бозӣ, беҳтар намудани шароити истироҳати ногироҳо, дар асоси талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба амал баровардани лоиҳаҳои шаҳрсозӣ вазифаи асосии мост. Чунки дар асоси адолати иҷтимоӣ нияти неки хушнуд гардондани одамон, ба онҳое, ки ба кумак муҳтоҷанд умеду боварӣ бахшидан ниҳон аст.

**Дилбар МАМАҶОНОВА,**
**узви фраксияи ҲХДЎ дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТӢ – УЛУҒБЕК ИНОЯТОВ ОВОЗ ДИҲЕД!

### *ХАБАРҲО*

#### ҒАМХОРӢ БА ҶАВОНОН

***Назар ба маълумоти хидмати ахбори ҳокимияти ноҳияи Сўх бо иштироки роҳбарони секторҳо хона ба хона даромада, омўхтани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, кумаки амалии ҳарҷониба ба ҷавононе, ки ба «тоифаи сурх» ворид шудаанд, торафт бештар самара мебахшад.***

Мушкилоти асосӣ – таъмин бо шуғл. Ё худ маоши ночиз, ки ҷавононро қонеъ намесозад ва онҳо маҷбуранд дар ҷустуҷўйи кор ба ҳар куҷо баромада раванд.

Ба наздикӣ гурўҳи корӣ таҳти сарпарастии ҳокими ноҳия дар маҳаллаҳое шуд, ки дар ҳудуди сектори аввал ҷой гирифтаанд. Ба гурўҳ фаъолони маҳалла ҳамроҳ шуданд, ба ҷавонони корҷў ва наврасоне, ки ба «тоифаи сурх» шомиланд, аз наздик суҳбат карданд. Муаммо ва норасоиҳо, айни замон таклифу дархостҳои ҷавонон мавриди омўзиш қарор гирифт. Баробари ин, ба оилаҳои ночор кумаки моддӣ расонда шуд.

Барои маълумот инро низ бояд илова кард, ба 30 нафаре, ки дар «Дафтари ҷавонон» дар ин ҳудуд номнависанд, бештар аз 52 миллион сўм, дар пардохти контракти 16 шаҳрванд ҷамъ 37 миллион сўм маблағ пардохта шудааст.

#### ТОШКАНД – ПОЙТАХТИ ҶАВОНОНИ ИДМ – 2024

***Дар шаҳри Сочии Русия роҳбарони ҳукуматҳои ИДМ дар доираи танг ҷамъомад гузарониданд. Дар фуроварди маҷлис оиди пойтахти ҷавонии ИДМ эълон карда шудани як қатор шаҳрҳо дар се соли пешистода қарор қабул карда шуд.***

Соли 2024 ин гуна мақом ба шаҳри Тошканд дода мешавад. Солҳои 2025 ва 2026 ба ин мақом шаҳрҳои Габала (Озарбойҷон) ва Капан (Арманистон) сазовор хоҳанд гашт.

Мақоми пойтахти ҷавонон ба муддати як сол дода шуда, тўли ин муддат дар доираи ИДМ ҳамкориҳо амалӣ мегарданд. Баргузории чорабиниҳои маънавию миллӣ дар миқёси байналхалқӣ бо иштироки ҷавонон ба нақша даромадааст.

#### *БОЗ ЯК ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН АЗ СУРХОН*

***Бинобар ранги оммавӣ гирифтани варзиш ва ғамхориҳои давлат нисбати тарбияи ҷисмонӣ комёбии варзишгарони ўзбекистонӣ дар миқёси ҷаҳон торафт ҳисшаванда мегардад.***

Баробари калонсолон аз байни наврасон – мактабиён низ чемпионҳои ҷаҳон мебароянд. Ба наздикӣ боз як фарзанди воҳаи Сурхон Умеда Амонова қаҳрамони ҷаҳон гардид. Вай дар чемпионати ҷаҳон оид ба шоҳмот дар байни духтарбачагон, ки дар шаҳри Батумӣ (Гурҷистон) баргузор гардид, бомуваффақият иштирок кард. Дар самти рапид аз 10 имконият 9 хол ба даст овард ва чемпион гардид.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**Қадами ислоҳоте, ки дар ин авохир дар соҳаи тандурустӣ пиёда месозад, ба дурдасттарин гўшаҳои кишвар низ расида, ҳаёти мардумро ғолибан ба сўйи нишот ва ободиҳо мекашад.**

Бояд гуфт, ки сиҳатии мардум ва аз ҳар гуна хавфу хатар нигоҳ доштани ҳаёти онҳо аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумати ҷумҳурӣ ба шумор рафта, дар бобати беҳдошти вазъи тандурустии эшон чораву тадбирҳои мухталиф андешида мешаванд. Набояд фаромўш сохт, ки мақсад аз роҳандозӣ шудани ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ низ беҳбуд бахшидани вазъи хидматрасонӣ ба аҳолӣ, дар ҳама гуна ҳолатҳои фавқулода ба кумаки мардум дар ҳоли омодабош қарор гирифтани кормандони тиб, коҳиш додани маргу мурриши кўдаку модар ва дар маҷмўъ кулли аҳолӣ мебошад. Таҷрибаи солҳои охир нишон доданд, ки ҷойгоҳи кормандони соҳаи тиб дар ҳалли мушкилоти вобаста ба сиҳатии мардум хеле воло буда, онҳо дар ҳолатҳои ниҳоят ҳассос дар бари мардуми худ қарор мегиранд. Замони рўёрўйиҳои башар ба пандемияи «Ковид-19»-ро ҳанўз одамон фаромўш накардаанд. Он айёми хеле мураккаб маҳз табибон дар хатти пеши муборизаҳо қарор гирифтанд ва бар ивази ҷони худ садҳо ҳаммеҳанонро наҷот бахшиданд. Аммо муборизаҳо алайҳи «Ковид-19» бараъло нишон доданд, ки соҳаи тандурустии мо ба ислоҳоти куллие ниёзманд аст. Бо назардошти таҷрибаи солҳои охир ҳукумати ҷумҳурӣ тасмим гирифтааст, ки дар соҳаи мазкур тағйироти чашмрасе ба вуҷуд оварад ва куллан беҳбуд бахшидани хидматрасонӣ дар соҳаи тандурустиро чун дурнамои кори худ қарор бидиҳад. Маълум аст, ки татбиқи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ дар марказҳои шаҳру навоҳӣ ба таври чашмрас мушоҳида мегарданд. Аз ҷумла, ба сектори хусусӣ роҳи васеъ кушода шуда, бунгоҳҳои тиббии шахсие рўйи кор омадаанд, ки хидмати нисбатан аълосифат ба анҷом мерасонанд. Аммо мавзеъҳои дур аз ободиҳо, ки омаду рафт ба он ҷойҳо садҳо мушкил дар пай доранд, аз қарору фармонҳои роҳбари давлат дар робита ба беҳдошти соҳаи тандурустӣ дар чӣ поя нафъ мебаранд? Омўзиши ин масъалаи муҳим аз назари мо дур намонд ва зимни як сафари кўтоҳмуддат ба мавзеи Боғучорбоғи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба он мутаваҷҷеҳ шудем. Бояд гуфт, ки Боғучорбоғ аз маркази ноҳия дар дурии 50 километр ҷой гирифтааст. Роҳи ниҳоят мушкилгузари ин қаламрав, хоса дар замони сармоҳои шадид барои интиқол додани беморони вазнин сад монеа эҷод мекунад ва чандин сол аст, ки боиси ранҷи аҳолии маскуни ин мавзеъ мегардад. Бо мақсади коҳиш додани ин ранҷҳо дар Боғучорбоғ бунгоҳи тиббии оилавие созмон доданд, ки кунун масъули беҳдошти вазъи тандурустии аҳолии минтақа мебошад. Ҳарчанд ин бунгоҳ чандин сол ба ин сў фаъолият мекунад, аммо дар ду-се соли охир дар меҳвари эътибори садрнишинон қарор гирифта, хеле рушд кардааст ва хидматрасониаш ҳам аз нигоҳи сифат ба маротиб боло рафтааст.

Бунгоҳи тиббии оилавии рақами 3-юми Боғучороғ дар ин қаламрави саросар кўҳсор ва даштҳои бопаҳно ягона маркази кумаки авалияи тиббӣ ва беҳдоштии сиҳатӣ мебошад. Раҳбари он Илҳом Менглиев гуфт, ки бунгоҳи мазкур аз се бахши хеле муҳим таркиб ёфта, поликлиникаи оилавии рақами 3, шифохонаи статсионарии мавзеи Боғучорбоғ ва маркази ёрии таъҷилиро фаро мегирад. Дар ин маскани шифо 96 нафар кормандони соҳаи тиб шабу рўз дар посбонии саломатии мардум қарор доранд. Бунгоҳи тиббии мазкур ба 12186 нафар аҳолӣ хидмат мерасонад. Ба таъкиди Илҳом Менглиев панҷ нафар табиби соҳиби маълумоти олӣ низ дар ин ҷо кор мекунанд ва мушкили корафтодагонро осон месозанд. Аммо норасоии мутахассисони баландрутбаи тиб шадидан эҳсос мегардад ва бунгоҳи тиббии мазкур чандин сол аст, ки барои 12 ҷойи холии кор ба ташкилоти дахлдор дархост мефиристад, вале ин ниёзи онҳо ҳамон ҳалношуда боқӣ мемонад. И. Менглиев изҳор дошт, ки кор дар шароити мураккаби кўҳистон мутахассисонро ба андеша водор кардааст ва онҳо фаъолият бурданро дар ин бунгоҳ ба зимма намегиранд. Назар ба маълумотҳо, дар се соли охир макотиби олии тиббии кишварамонро 5 нафар ҷавонони ин қаламрав хатм намудаанд, аммо ҳамагӣ корро дар маркази шаҳрҳо ихтиёр намуда, ба ҳеч ваҷҳ намехоҳанд, ки масъули беҳдошти сиҳатии мардуми дурдасти кишвар гарданд. Ҷавонон корро дар шаҳрҳои азим хуш карда, ба зодгоҳи худ барнамегарданд. Ин аст, ки ҳукумат ба он табибоне, ки дар мавзеи дур машғули кор мешаванд, ба таври илова 2 миллион сўм маблағ пардохт ва бо ҷойи зисти муваққатӣ таъмин менамояд. Сарвари бунгоҳи тиббӣ Илҳом Менглиев гуфт, ки ҳоло аз маркази ноҳияи Деҳқонобод чандин табибонро ҷалб кардаанд ва онҳо нововбаста ба дурии роҳу ноободиҳои он ба кумаки беморон мерасанд. Дар бунгоҳи зери раҳбарии ў мутахассисони хубе кор мекунанд, ки бархе аз онҳо табибони номвари ноҳия ба шумор мераванд. Аз ҷумла, табиби кўдакон Бойсарӣ Мақсадов собиқаи кории 52-сола дошта, аз ҷумлаи табибони беҳтарини ноҳия маҳсуб меёбад ва аз хидмати ў на танҳо аҳолии Боғучорбоғ, балки корафтодагони тамоми ноҳия мамнун ҳастанд. Мутахассисони соҳаи валодат ва ҷарроҳӣ низ дар ин ҷо хидмат мерасонанд ва онҳо аз маркази ноҳия омадаву мушкилии беморонро осон месозанд.

Фелдшери калон Чоршанбе Менглиев чандин сол аст, ки кор мекунад ва ҳоло зери раҳбарии ў 17 нафар ходим ифои вазифа доранд. Ба гуфтаи ў, Холбўта Аллабердиев ва Илҳом Дониев аз зумраи беҳтаринҳо маҳсуб ёфта, аз хидмати онҳо натанҳо ҷамоаи кормандони бунгоҳи тиббӣ, балки кулли сокинони Боғучорбоғ хурсанданд.

Биноҳои замонавии комилан нави дорои тамоми ҷиҳози ҷавобгўйи талабот дар аавали соли равон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки бахши ёрии таъҷилии тиббӣ низ шомили он аст ва барои сохтмони ин биноҳо ҳукумат дар маҷмўъ 2 миллиарду 800 миллион сўм маблағ сарф кардааст. Дар доираи чунин навсозиҳо ва беҳбуд бахшидани фаъолияти бунгоҳҳои тиббӣ генераторе низ насб гардидааст, ки ҳангоми зарурат барқ истеҳсол мекунад ва ниёзи ин маскани тиббиро баровarda месозад. Дар биноҳои нав сохташуда, панелҳои офтобӣ низ насб гардидаанд ва онҳо неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тоза истеҳсол намуда, мудом ба пешрафти кори бунгоҳ мусоидат мекунанд. Бунгоҳ дорои як мошини тиббии ёрии таъҷилӣ аст ва назар ба гуфтаи сардори он Илҳом Менглиев, ҳукумат моҳе 22 миллион сўм маблағ ҷудо мекунад, ки барои харидани дорувории кумаки аввалия масраф мегардад.

Аз мушоҳидаҳо дарёфтем, ки ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин авохир бо роҳандозии ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ мавзеъҳои дурдасти кишварро фаромўш насохта, балки беҳбуд бахшидани шароитро дар чунин ҷойҳо аз мақсадҳои асосии худ қарор додааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Раҳовард*

## 2. МУШКИЛОТ БАРТАРАФ МЕШАВАНД

*Минбари соҳибкор*

## ХУШКМЕВА – СОҲАИ СЕРДАРОМАД

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Лорд фрутес»-и мо соли гузашта ташкил ёфта буд. Аллакай як қисми қарзи худро пардохтем. Мо барои бунёди пойгоҳи корхонаи нави хеш аз давлат 650 ҳазор доллар кредит гирифта, аз хориҷ дастгоҳи мевахушккунӣ харидем, ки қувваи он дар як шабонарўз 10 тонна аст.

Ҳоло бо хоҷагии фермерии «Ургут яшил олмалари» шартнома баста, қариб бист хел маҳсулоти кишоварзӣ ва боғдорӣ қабул карда мешавад. Барои фурўши маҳсулоти тайёр бо чанд нуқтаи хидматрасонии савдо мулоқоти ҳамкорӣ ороста, дар асоси талаби мизоҷони нозуктабъ маҳсулоти тайёр ирсол мегардад.

Боиси хушнудист, ки дар хориҷа низ харидор пайдо кардем. Ба Русия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Белорус маҳсулоти мо бо тамғаи «Сохти Ўзбекистон» рафт, ки арзиши шартномаи ҳамкорӣ 250 ҳазор долларро ташкил медиҳад.

Чанде пеш аз Мексика, Амрико, Булғория, Молдова ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ талабнома ба хушкмева омад.

Ният дорем, ки то охири соли равон даромади умумии худро ба як миллион доллар расонем.

**Машраф ТИЛАКОВ,**
**сардори Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Лорд фрутес»-и ноҳияи Ургут.**

# МАҚСАДИ УСТУВОРИ МО — ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУНОСИБ БАРОИ БА ҲАЁТ ТАТБИҚ НАМУДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ШАҲРВАНДОН!

***Дар иҷлосияи XI-уми Ҳаракати соҳибкорону корчаллонон – Ҳизби либералӣ-демократии Ӯзбекистон номзад аз ҳизби мо Шавкат Миромонович Мирзиёев мушкилоти системавӣ ва воқеиятро, ки солҳои тӯлонӣ гирд омадаанд ва дар ҷамъият ҳалли худро интизоранд, амиқ таҳлил намуда, дар баробари ислоҳоти васеъмиқёси дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда амалишуда ҳадафу самтҳои афзалиятнок, вазифаҳои стратегиро барои ҳафт соли оянда муайян намуд. Онҳо, бешубҳа, ояндаи ободу дурахшонеро, ки имрӯз аллакай сохта мешавад, муайян мекунанд.***

***Самти афзалиятноки стратегияи мазкур фароҳам овардани шароити муносиб барои татбиқи неруи ҳар як шахс мебошад.***




### ДОНИШИ БОСИФАТ, ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ – ПОЙДЕВОРИ МУСТАҲКАМИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ!

Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб, системаи маориф оғоз мешавад ва рушди кишвар ба илму навоварӣ такя мекунад. Таълими томактабӣ ва мактабӣ, низоми маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, инчунин муассисаҳои илму фарҳанг звеноҳои пайвасткунандаи Эҳёи сеюм ба ҳисоб мераванд. Мураббиёни боғчаҳо, омӯзгорони мактабҳо, профессорон ва зиёиёни илмию эҷодкор дар даврони Наҳзати нав, дар замони ҷаҳонишавӣ такягоҳи кишвар мебошанд.

Ба ин муносибат дар барномаи номзади мо Шавкат Мирзиёев вазифаҳои зерин дар ин самт афзалиятнок муайян шудааст.

**Якум**, то соли 2030 эҳтиёҷоти муассисаҳои томактабӣ пурра қонеъ гардонида, фарогирии 100 фоиз ва рушди заминаи моддию техникии кӯдакистонҳо таъмин карда шавад. Бо ин мақсад:

- имконияти додани қарз ба муҳлати 10 сол бо ставкаи 7 фоиз фароҳам оварда шуда, тартиби аз андоз пурра озод кардани хароҷоти корхонаҳои истеҳсолие, ки барои сохтмони боғча сарф мешавад, тартиб дода мешавад;
- то соли 2030 барои бунёди 2 ҳазор кӯдакистони иловагӣ чораҳо андешида мешаванд;
- тартиби аз тарафи давлат пӯшондани хароҷоти кӯдакистонҳо барои фарзандони оилаҳои эҳтиёҷманд, аз ҷумла боғчаҳои хусусӣ ҷорӣ карда мешавад;
- чораҳои бо синфҳои компютерӣ таъмин намудани ҳар як кӯдакистон андешида мешаванд. Ин, дар навбати худ, барои аз хурдсолӣ ба кӯдакон омӯзондани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва дар оянда соҳиби потенсиали баланд шудани онҳо хидмат мекунад.

Ҳамчунин, бо мақсади рушди инфрасохтори кӯдакистону мактабҳо, аз ҷумла бо оби филтршудаи ошомиданӣ, инфрасохтори санитарию гигиенӣ пурра таъмин намудани онҳо, мусоидат дар таъмини ғизои солими кӯдакон ба муассисаҳо шир ва маҳсулоти нону булкагии аз сафеда, витамину минералҳо ва аз йод ғанӣ расонда дода мешаванд.

**Дуюм**, сифати таълим ба куллӣ беҳтар карда, ба таври илова 2,5 миллион ҷойи хонанда ба вуҷуд оварда мешавад. Ба ин мақсад:

- барномаи «500 000 ҷойи донишандӯз дар як сол» таҳия ва амалӣ мегардад;
- ба таҳсилоти хусусӣ имтиёзҳои иловагӣ дода шуда, сохтмони мактабҳо аз рӯйи тамоюли шарикии давлатию хусусӣ ба таври васеъ ҷорӣ карда мешавад;
- хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо планшетҳои таълимӣ пурра таъмин гардида, барои ин имкониятҳои молиявии зарурӣ фароҳам оварда мешаванд;
- дар манотиқи дурдаст «автобусҳои мактабӣ» ройгон ба роҳ монда мешаванд;
- то соли 2030 дар ҳама ноҳияву шаҳрҳо мактабҳои тахассусии «Истеъдод – Саъй – Истиқбол» таъсис дода шуда, дар онҳо шароитҳои на камтар аз мактабҳои президентӣ фароҳам оварда шуда, барои фарзандони оилаҳои ниёзманд 70 фоиз квота ҷудо карда мешавад;
- ба ҳамаи мактабҳо муаллимони «забоншинос» ҷалб карда мешаванд, барои ба ин мақсадҳо ҳар сол ҷудо кардани 200 миллиард сӯм чораҳо дида мешаванд. Зеро, донистани забонҳои хориҷӣ калидест, ки дарҳои ҷаҳонро ба рӯйи ҷавонони мо боз мекунад.

**Сеюм**, рушди системаи таҳсилоти олӣ ва илм дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ. Ба ин мақсад:

- вазифаи асосӣ ҷорӣ намудани ҳадди ақалл 50 барномаи муштараки таълимӣ ва «системаи ду диплом» («double degree») дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ, ки дар қатори «Топ-500»-и ҷаҳон ҳастанд, иборат хоҳад буд. Имрӯз соҳаи таҳсил дар асоси барномаи таълимии «double degree» дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои бонуфузи таълими олии ИМА, Олмон, Фаронса, Италия, Финландия, Нидерландия, Туркия, Русия, Индонезия, Исроил ва дигар давлатҳо васеъ мегарданд.

Ин ба баланд бардоштани сифати таълим ва роҳандозии таҷрибаи тайёр кардани кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои зарурие, ки ба пешрафти ҷамъият ва давлати мо хидмат карда, сифати таълиму тарбияро баланд мебардорад, хидмат менамояд;

- барои фиристодани ҷавонони лаёқатманд барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ аз ҳисоби давлат дар бахшҳои биотехнология, зеҳни сунъӣ ва дигар бахшҳои технологӣ дар ҳаҷми 200 миллион доллари ИМА барномаҳо амалӣ карда мешаванд. Ин ташаббусҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар Ӯзбекистон дар даврае, ки аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон дар арафаи инқилоби чоруми саноатӣ мебошанд, хидмат хоҳанд кард;
- имкониятҳои молиявӣ минбаъд барои ба рушди илм ва инноватсия ҷудо кардани 1 миллиард доллари ИМА васеъ карда мешаванд.

Инчунин барои ҳавасманд гардондани меҳнати пурмашаққату шарафноки намояндагони маданият, санъат ва адабиёт, коркунони соҳаи маънавӣ, тамоми зиёиён тадбирҳои иловагӣ дида мешаванд.

Ин ташаббусҳо, ки номзади мо Ш.М.Мирзиёев пешниҳод намудааст, яке аз шартҳои муҳим ва зарурии пешрафти босуръати кишвар ва рушди инноватсионӣ, ташаккули «иқтисодиёти дониш» ва «иқтисоди рақамӣ», «ҷамъияти иттилоотӣ» мебошанд. Чунки, аз мамлакатҳое, ки дар бораи оянда фикр мекунанд ва аз тараққиёти ҷаҳонӣ қафо мондан намехоҳанд, танҳо қобилияти дарк намудани фалсафаи дигаргунсозиҳо, балки бо назардошти суръати ба ҳаётамон ворид шудани онҳо ҳаракат, самаранокӣ, фавран ба амал баровардани корҳои азим талаб карда мешавад.

### ТАНҲО МИЛЛАТИ СОЛИМУ ШУКУФОН БА КОРҲОИ БУЗУРГ ҚОДИР АСТ

Дар тӯли солҳои охир дар Ӯзбекистони Нав бо мақсади ба вуҷуд овардани тибби хушсифат ва касбӣ барои ҳама, нав кардани системаи нигаҳдории тандурустӣ, ба қатори давлатҳои пешрафта, ки давомнокии миёнаи умрашон баланд аст, ворид кардани кишвари мо ислоҳоти васеъмиқёс татбиқ мегарданд.

Барои сифатан ба зинаи нав баровардани ислоҳоти пайгирона дар барномаи номзади мо вазифаҳои афзалиятноки зерин муайян шудаанд.

**Якум**, дар байни аҳолӣ андешидани чораҳои барвақт муайян намудани бемориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва қатъиян коҳиш додани нишондиҳандаҳои гирифтор шудан ба онҳо. Ба ин мақсад:

- то соли 2030 2 баробар кам кардани фавти модару кӯдак, бемориҳои ирсии байни кӯдакон ва 2,5 баробар кам кардани марги бармаҳал аз бемориҳои онкологӣ, дилу раг, диабети қанд, роҳҳои нафас ва сироятӣ яке аз вазифаҳои асосии соҳа мебошад;
- барои қатъиян паст кардани сатҳи бемории сил имкониятҳои зарурӣ истифода мешаванд;
- табобати бемории «гепатити С», ки ба сиррози ҷигар оварда мерасонад, 100 фоиз аз ҳисоби давлат сурат мегирад.

**Дуюм**, то соли 2030 ҳаҷми маблағҳои солона ба соҳаи тиб аз буҷет ду баробар афзоиш ёфта, ба 6 миллиард доллари ИМА расонида, сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хидматрасонии тиббии кафолатнок боз ҳам васеътар карда шавад. Дар ин самт:

- аз соли 2024 оид ба муолиҷаи 10 бемории маъмултарин, ба аҳолӣ ройгон тақдим намудани бастаи тиббии кафолатноки иборат аз 6 хидматрасонии тиббӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад;
- идома додани бепул ба занони синни таваллуд ва давраи ҳомила додани 7 намуди витаминҳо, йод ва кислотаи фолӣ;
- фарогирии пурраи табобати 350 000 беморони диабети қанд, 1,5 миллион бемориҳои дилу раг;
- табобати ройгони солонаи 5000 кӯдаки гирифтори нуқсонҳои дил ва 10000 тифли дорои эҳтимолияти аз даст рафтани қобилияти биноӣ;
- рақамикунонии пурраи низоми тандурустӣ ва ҷорӣ намудани системаи суғуртаи тиббӣ пешбинӣ шудааст.

**Сеюм**, расондани кумак ба беморони гирифтори саратон бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои табобат ва баргардондани онҳо ба ҳаёти муқаррарӣ. Аз ҷумла:

- фарогирии пурраи табобати 120 000 беморони гирифтори бемории онкологӣ;
- ҷорӣ намудани таҷрибаи трансплантатсияи ҳуҷайраҳои бунёдӣ бо мақсади наҷот додани ҳаёти беморони онкологӣ;
- оид ба ҷалби захираҳои молиявӣ барои пурра аз ҷониби давлат пӯшонидани хароҷоти трансплантатсияи ҳуҷайраҳои бунёдӣ барои фарзандони оилаҳои ниёзманди гирифтори бемориҳои саратон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

### ВАСЕЪ НАМУДАНИ ДОИРАИ ХИДМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ВА ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ – ГАРАВИ РУШДИ УСТУВОР

Бо ин мақсад дар барномаи номзад, ки аз тарафи ҳизб нишон дода шудааст, вазифаҳои зерини афзалиятнок муайян шудаанд.

**Якум**, дар ҳар як маҳалла ба таври мақсаднок ба роҳ мондани низоми фаъолияти коркунони касбии иҷтимоӣ ва пешниҳоди хидматрасонии иҷтимоӣ. Дар ин:

- таҳияи тартиби алоҳидаи пеш бурдани «кори хидматрасонии иҷтимоӣ» барои ҳар як оилае, ки дар вазъи вазнини зиндагӣ қарор дорад ё хавфи баланди ба он афтидан доранд. Муайян карда шудааст, ки барои беҳтар намудани шароити ин оилаҳо, бо табобат таъмин кардан, доруворӣ расондан, ба боғчаю мактаб ҷойгир кардани фарзандони онҳо, расондани ёрии моддӣ тадбирҳои мақсаднок ба амал бароварда шаванд;
- таъсиси «гурӯҳҳои сайёр»-и иборат аз равоншинос, ҳуқуқшинос, корманди иҷтимоӣ, марказҳои хидматрасонии иҷтимоӣ дар асоси принсипи «равзанаи ягона» дар ноҳияҳо;
- аз нав дида баромадани низоми ба парасторӣ гирифтани кӯдакон, меъёрҳои интихоби васӣ ва тартиби назорат дар назар аст.

**Дуюм**, низоми нави дастгирии шахсони ногиро фароҳам оварда мешавад. Аз ҷумла:

- низоме ҷорӣ карда мешавад, ки бо он шахсони ногиро ҷиҳозҳои ортопедӣ, тавонбахшӣ, дорувориро интихоб мекунанд, давлат танҳо маблағи онро пардохт менамояд;
- аз 80 миллиард сӯми пешина то 250 миллиард сӯм зиёд гардондани ҳаҷми маблағ барои таъмин намудан бо маҳсулоти протезиву ортопедӣ ба назар гирифта шудааст;
- барои гузаштан аз услуби дарамали тиббӣ ба услуби иҷтимоии муайян намудани ногироӣ чораҳои зарурӣ андешида хоҳанд шуд. Дар ин маврид барои шахсони ногиро, ки мехоҳанд кор кунанд, шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад;
- ба соҳибкороне, ки ба шахсони ногиро касби дар бозори меҳнат серталабро бепул омӯзондаанд, онҳоро ба тиҷорат ҷалб намудаанд, ба онҳо даромад гирифтанро омӯхтаанд, дар фурӯши маҳсулот кумак расондаанд, пешниҳоди имтиёз ва афзалиятҳо ба роҳ монда мешавад;
- низоми додани музди меҳнат барои шаҳрвандони эҳтиёҷманд, ки узви оилаи дорои ногироро нигоҳубин менамоянд, ҷорӣ карда мешавад.

**Сеюм**, ба кишваре, ки дар он ҷо бонувон хушбахтанд ва аз зиндагии худ мамнунанд, табдил додани Ӯзбекистони Нав аҳамияти устувор дода мешавад. Аз ҷумла:

- таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, таълими хушсифат гирифтани онҳо, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо, масъалаҳои баробарии гендерӣ аз вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд;
- хидмати дастгирии ҳуқуқӣ ва психологии бонувон, ки дар вазъияти мушкил қарор доранд, васеъ хоҳанд шуд;
- «Call-марказҳо» барои дастгирии иҷтимоии занони гирифтори зӯроварӣ таъсис дода мешаванд;
- барои заноне, ки дар рухсатии ҳомиладорӣ қарор доранд, низоми онлайн ҷорӣ карда мешавад.

**Чорум**, оид ба барқарор намудани сиҳатии падару модарони гиромӣ, фароҳам овардани шароити иловагӣ барои истироҳати пурмазмуни онҳо барномаи махсус қабул карда мешавад. Дар ин самт:

- ташкил кардани муоинаҳои бепули тиббӣ, табобат дар беморхона ва сиҳатгоҳҳо, инчунин саёҳатҳои дохилӣ дар кишвар барои беш аз 3 миллион нафар нуронӣҳо шароит фароҳам оварда мешавад;
- андешидани чораҳо оид ба муҷаҳҳаз гардондани марказҳои тиббӣ-оилавӣ ва поликлиникаҳо бо таҷҳизоти иловагӣ барои расондани хидмати пурихтисоси тиббӣ барои куҳансолон;
- минбаъд пурзӯр гардондани нақши чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, ба мисли «Мулоқоти се насл», «Ҷасорати падарон — ибрат», «Як нафар намояндаи авлоди калонсол барои 10 нафар ҷавонон масъул».

**Панҷум**, сиёсате, ки ба коҳиш додани камбизоатӣ дар кишвари мо нигаронда шудааст, пайваста идома дода хоҳад шуд. Аз он ҷумла:

- 3 миллион ҷавонон аз камбизоатӣ аз ҳисоби бо кор таъмин намудани онҳо бароварда мешаванд;
- фароҳам овардани низоме, ки он барномаҳои дастгирии иҷтимоии аҳолии камбизоат ва табақаҳои камдаромадро дарбар мегирад;
- дар асоси «шарикии иҷтимоӣ» додани имтиёзу рағбатҳои иловагӣ ба соҳибкорон ҳангоми татбиқи барномаи шуғли одамон, ки ба тоифаи камбизоатҳо дохил мешаванд. Барои ин ҳар сол ҷудо намудани камаш 1 миллиард доллар вазифаи асосӣ хоҳад гардид.

**Шашум**, барои он ки ҳар як оила соҳиби манзили худӣ бошад, шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешаванд.

Вазифаи асосӣ барои ҳафт соли оянда аз ҳисоби равона намудани 15 миллиард доллар иловагӣ таъмин намудани бунёди манзилҳои дорои миллион ҳуҷра мебошад. Тартиби пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуҳлат ба ташкилотҳои сохтмониву пудратӣ ва сокинон таҳия карда хоҳад шуд.

Интихобкунандагони азиз!

Мухтасар ифода намоем тамоми мақсад ва самтҳои дар барномаи пеш аз интихоботии номзади ҳизби мо изҳорёфта, ба таъмини зиндагии фаровон ва хушбахтии халқи мо хидмат мекунад.

**Мавлуда ХӮҶАЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви фраксияи ӮзЛиДеП.**
**Шаҳноза ХОЛМАҲМАТОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви фраксияи ӮзЛиДеП.**

**Агар шумо тарафдори ислоҳот дар соҳаи иҷтимоӣ, минбаъд баланд бардоштани сифати зиндагии халқи мо бошед, барои Шавкат Мирзиёев — номзад аз Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонон — Ҳизби либералӣ-демократии Ӯзбекистон овоз диҳед!**

***Дар Маркази маънавият ва маърифати ноҳияи Олот қабули сайёри ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба амал омад. Дар ин тадбир роҳбарони секторҳои вилоят, мутасаддиёни ташкилоту корхонаҳои вилоятӣ иштирок карданд.***

## ҚАБУЛИ САЙЁРИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТ ДАР НОҲИЯИ ОЛОТ

Дар тадбир номи беш аз 100 нафар мурожиаткунандагон ба қайд гирифта шуданд. 28 нафари эшонро шахсан ҳокими вилоят қабул кард.

Шаҳрвандон дар ҷараёни қабул ба ҳоким, роҳбарони секторҳо ва мутасаддиёни ташкилоту корхонаҳо бобати таъмири роҳҳо, муолиҷагирӣ, дастгирии моддӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои кластерӣ, соҳибшавӣ ба замин, хонаю ҷой ва маълумоти олӣ, масъалаҳои ҳуқуқу тартибот, соҳибкорӣ, таъминоти барқ ва ғайра муроҷиат намуда, ба ҳаллу фасл шудани бисёрии онҳо ноил гардиданд. Аҷибаш дар он, ки байни муроҷиаткунандагон шахсоне буданд, ки онҳо барои арзи сипос ба сарвари давлат, роҳбарону мутасаддиён омадаанд, чунки ба туфайли ғамхорию эътибори эшон мушкилашон осон шудааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Акси садо*

## САБУКСАР КАЙ КУНАД АНДЕШАИ НАҒЗ?...

Камина мақолаи пурдарду дилсӯзонаи хабарнигори «Овози тоҷик» Зоҳир Ҳасанзода оиди ба номгузорӣ ва нав кардани номҳои кӯчаву гузарҳо «Кори бемашварат накӯ н-ояд»-ро аз рӯзномаи «Овози тоҷик» (№45. 7 июни соли 2023) бо диққату эътибори хоса ва албатта сипосгузорӣ мутолиа намудам.

Ҳамкасби ман доғи рӯзро бо далели раднопазир иншо кардааст. Дар ҳақиқат дар ин масъала шитобкорӣ ва сабуксарӣ вуҷуд дорад.

Чанде пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ хабаре пахш шуд, ки номи кӯчаи ба номи Павел Бенков ба Боғчасарой иваз мешудааст. Аз ин хабар бештар аҳли фарҳанг ба тааҷҷуб афтод. Охир Павел Бенков соҳиби унвони «Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон», устоди устодони муқалам, тараннумгари дӯстии халқҳо буд ва аз худ асарҳои нотакрору ҳунармандонаро ба ёдгор гузошт. Вай соли 1928 ба шаҳри Самарқанд омад ва тамоми умр бо эҷоду тарбияи насли наврас машғул буд. Лутфулло Абдуллоев, Чингиз Аҳмаров, Ашраф Раззоқов, Рашид Темуров ва дигар мусаввирони номдор ба ӯ шогирданд.

Соли 1949 қалби мусаввир аз тапиш монд ва ҳамон сол бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз кӯчаҳои шаҳри Самарқанд ва омӯзишгоҳи санъат ба номи вай гузошта шуд.

Чанде қабл аз ин аҳли маҳаллаи Мир Саид Барака маҷлис ороста қарор қабул кард, ки номи Павел Бенков ба Боғчасарой иваз карда шавад. Зеро «мардуми таҳҷоӣ намедонанд, ки Бенков кӣ бошад».

Камина аз ҳокимияти шаҳри Самарқанд талаб кардам, ки дар ин масъала шитобкорӣ ва сабуксарӣ лозим нест. Боз як ҳамкасби мо Анастасия Павленко дар рӯзномаи «Самаркандский вестник» низ мақолаи «Номи кӯчаи Бенков иваз мешавад?»-и хешро эълон кард, ки ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст.

Афсӯс то ҳол мутасаддиён муҳри хомӯшӣ ба лаб задаанд.

Умед дорем, ки пас аз даxолати «Овози тоҷик» масъала мусбӣ ҳал хоҳад шуд. Ба ин маънӣ чӣ хуб гуфта шоир:

*Сабуксар кай кунад андешаи нағз?*
*Бале, ҷавзи сабукро кай бувад мағз?*

**Тошпӯлоди РАҲМАТУЛЛОҲ,**
**узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон.**

*Ҳар як шахс касби худро дӯст дошта ба он меҳр бандад, албатта роҳаташро мебинад. Муаллимаи ботаҷриба Салима Кадиримбетова дар тӯли фаъолияти худ самараи меҳнаташро дидааст.*

*Ӯ факултети филологияи Донишгоҳи давлатии ба номи Бердақи Қароқалпоқистонро хатм намуда, фаъолияти педагогиашро дар мактаби миёнаи рақами 12-уми ноҳияи Нукус оғоз намуд.*

*Ҳоло дар мактаби миёнаи рақами 22-юми ноҳия аз фанни забон ва адабиёти қароқалпоқ дарс медиҳад. Омӯзгор соҳиби нишони сарисинагии Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон соли 2019 ғолиби озмуни «Омӯзгори беҳтарини сол» гардид. 1 октябри соли 2022 дар арафаи Рӯзи муаллимон ва мураббиён бо фармони роҳбари давлат бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шуд.*

***Дар сурат:** муаллимаи ботаҷриба **С. Кадиримбетова** дар ҳалқаи шогирдон.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. (ӮзА).***




*Сафар дар Ватан*

## «...КИ МУШКИ СУДА МЕРЕЗАД ЗИ ХОКАШ»

**(Ходимони «Овози тоҷик» зери шиори «Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат» аз вилояти Бухоро боздид намуданд)**

Бухороро ҳамчун шаҳри куҳан ва аз шуҳратмандтарини Осиёи Марказӣ, маскани илму маърифат, қадамҷойи алломаву бузургони хирад, макони афсонаву ривоёт медонанд ва мехоҳанд аз ин шаҳри афсонавӣ дидан кунанд. Бухоро чун пойтахти маданияти ислом «Қуббат-ул-ислом», яъне «Гунбади ислом» ном баровардааст. Алломаҳои бузурги ин сарзамин бо илму маърифаташон ба тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар чаҳорчӯбаи Барномаи давлатии «Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат» сафари фарҳангӣ-маърифатӣ-зиёратии кормандони рӯзномаи «Овози тоҷик» ба ин шаҳри зебо рӯйи кор омад.

Бо ташаббуси иттифоқи касабаи «Овози тоҷик» гурӯҳе бо қатораи тезҳаракати «Афросиёб» роҳи Бухороро пеш гирифтем. Қатора чун аспи бодпо медавид, гӯё медонист, ки мусофиронашро ба қадамҷоҳои муқаддас зудтар мерасонад. Аз чеҳраи сайёҳону зиёраткунандагон аён буд, ки аз шароит, хидмат ва дигар қулайиҳои қатора мамнунанд...

Вақте дар кӯчаҳои шаҳр қадам зада, ёдгориҳои таърихиро тамошо мекардем, гӯё дар ҳар қадам аз гарду хоки роҳ, аз ҳар хишти дару девор чидашуда, аз чӯбу тахтаи дару дарвозаҳо бӯйи таърих меомад. Гӯиё Рӯдакӣ қасида месароиду Устод Айнӣ он мероси мондагори ниёгонро гирд меовард...

Аксарият хуб медонанд, ки дар Бухоро зиёратгоҳҳои муқаддаси ҳафт пир мавҷуд аст. Сари роҳ аз зиёратгоҳи пири шашуми тариқати хоҷагон-нақшбандия Сайид Амир Кулол дидан кардем. Сайид Амир Кулол аз паси касби кулолӣ ризқи хеш пайдо кардааст ва ӯ бо лақаби «Амири Калон» низ машҳур аст.

– Акнун як сари қадам ба ҳавлии шоир, марҳум Асад Гулзода даромадан лозим, – гуфт раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷику форси вилояти Бухоро «Офтоби суғдиён» Рауф Авезов, ки моро роҳбаладӣ мекард.

– Албатта, мо ният доштем, 90-солагии устодро табрик гӯем. Мутаассифона, ин ба мо муяссар нагашт, устодро рӯҳашон шод гардад, – гуфт муовини сармуҳаррирамон, раиси иттифоқи касабаи рӯзнома Тоҷибой Икромов.

Баъди ба оилаи шоир ҳамдардӣ изҳор намудан, хостем бо донишҷӯёни гурӯҳи тоҷикии ДДБ вохӯрем, бо шароит, таҳсил, таъмини китобҳои дарсиву бадеӣ ва дигар қулайиҳои зарурии донишгоҳ ошно гардем, ки дар он толор боз аҳли адаби камшумор ва баъзе равшанфикрон низ ҷамъ омада буданд.

– Дар донишгоҳ барои мо шароити созгор мавҷуд аст. Аудиторияҳои васеъ, равшан, ҷиҳозҳои технологияи замонавӣ дар хизмати моянд. Камбудиҳо низ ҳастанд. Китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ хеле кам, хобгоҳ барои донишҷӯёни ноҳияҳои дурдаст намерасад, мехоҳем харҷи зиёдтару пурратар аз педагогҳои ботаҷрибаву корозмуда сабақ гирем, – мегӯяд донишҷӯ Фарангис Акабоева.

Донишҷӯён аз қасидаҳои Рӯдакӣ, ғазалҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Турсунзодаву Лоиқ намунаҳо қироат намуданд. Суруду рақсҳои ҷозибаноки онҳо ба муҳити тоҷиконаи ин маскани илм шукӯҳи тоза мебахшид. Аз ҷониби эҷодкорони «Овози тоҷик» ба китобхонаи донишгоҳ якчанд китоб туҳфа кардем.

– Чунин вохӯриҳои аҳли илму фарҳанг ба қалби донишҷӯён ватанпарвариву забоншиносӣ, миллатдӯстиро ҷойгир месозад. Бояд ин гуна гирдиҳамоиҳо зудзуд баргузор гардад, – гуфт шоира Ҳадяи Бухороӣ.

– Аз дӯстдорону ҳаводорони бухороии «Овози тоҷик» фаъолон зиёд буданд ва ба рӯзнома маводҳои хонданиро ирсол менамуданд. Аммо солҳои охир инро мо хеле кам ҳис мекунем. Шумо – донишҷӯён омӯзгорони оянда, журналист, умуман эҷодкор ҳастед. Дар гаҳвораи донишу фарҳанг, қадамҷойҳои бузургони форсу тоҷик таҳсил мегиред. Бояд ба обурангии саҳифаҳои рӯзномаи тоҷикӣ ҳиссаи худро гузоред, – иброз намуд Т.Икромов.

Баъдан ба зиёрати мақбараи пири ҳафтум – Баҳоуддини Нақшбанд равон шудем. Назар ба маълумотҳо Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд яке аз поягузорони тариқати нақшбандия буда, халқ ба ӯ номҳои «Баҳоуддини Балогардон», «Хоҷаи Бузург», «Шоҳи Нақшбанд»-ро гузоштааст. Номи аслиаш Муҳаммад. Баҳоуддин дар ҷавонӣ ба газвор нақш меандохт, бинобар ин лақаби «Нақшбанд»-ро гирифтааст. Баҳоуддин вақте чаҳор сол дошт, ба модараш гуфтааст: «Гови мо гӯсолае таваллуд хоҳад кард, ки дар пешонааш аломати ҳилол (моҳи нав) дорад». Тавре ки башорат карда буд, пешонаи гӯсолачаи бадунёомада нақши ҳилол дошт.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Голибони олимпиада*

# ПИРӮЗӢ МУБОРАК, УСТОДУ ШОГИРД!

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*



Ҳақ бар ҷониби шоири шаҳир Абӯабдуллоҳи Рӯдакист. Дониш инсонро мисли ҷавшан аз балою офат эмин нигоҳ медорад, ба қуллаҳои баланд мерасонад, сарбаланду сарфароз мегардонад.

Ба наздикӣ дар вилояти Фарғона озмуни давраи IV фанҳои асосӣ – забону адабиёти тоҷик шуда гузашт. Дар он яке аз хонандагони фаъоли мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Манижа Муродуллоева низ иштирок намуда, бо 82,2 хол сазовори ҷойи фахрии 3-юм гардид.

Манижа 30-августи соли 2005 дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Сариосиё дар оилаи зиёӣ – Қурбонбой Муродуллоев ва Сайёра Поччоева ба дунё омадааст. Ин оила яке аз оилаҳои фарҳангдӯсту намунавии диёрамон б а ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама ана ҳамин муҳити оилавӣ ӯро ҳамчун оҳанрабо ба сӯйи илму фарҳанг кашидааст.

*Хишти аввал гар ниҳад*
*меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад*
*девор каҷ.*

Хиштҳои аввалини «қасри дониши» Манижа, ки аз ҷониби олиҳаи илму маърифат – муаллима Латофат Каримова росту беғалат гузошта шуда буд, имрӯз самараи худро нишон дод.

Манижа ҳамаи фанҳоро бо баҳои аъло мехонад ва яке аз даъвогарони нишони тиллоӣ аст. Ӯ чандин бор дар озмуни «Китобхони беҳтарин» иштирок намуда, дар ноҳия ва вилоят сазовори ҷойҳои фахрӣ гардидааст. Инчунин, яке аз иштирокчиёни озмуни «Духтарони Зулфия» дар ноҳия мебошад.

Ба шеъру шоирӣ шавқу ҳаваси беандоза дорад. Шеърҳои шогирдона менависад.

Манижа баъде, ки ба синфи 5 гузашт, дарси забону адабиётро то синфи 11 аз муаллимаи бомаҳорат Дилором Муродуллоева омӯхт.

Дилором Муродуллоева аз соли 1987 инҷониб дар мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс мегӯяд. Ӯ дар озмунҳои таълимӣ худ низ фаъол буд. Соли 2000-ум дар озмуни «Муаллими сол» ва соли 2007 дар озмуни «Муаллими беҳтарини фан» дар ноҳия ғолиб гардида, дар вилоят сазовори ҷойи фахрии дуюм гардидааст.

Имсол вақте ки зинаи вилоятии озмуни фаннӣ охири моҳи ноябр дар шаҳри Тирмиз баргузор гардид, ба ҷарроҳӣ шудани чашмҳои муаллима ҳамагӣ ду рӯз шуда буд. Ҳарчанд фарзандону оилааш ба роҳи дур нарафтанашро талаб мекарданд, вале ӯ бо қатъият мегуфт, ки бояд бо шогирдаш Манижа ҳамроҳ бошад. Муаллимаи фидоӣ – Дилором Муродуллоева барои чунин меҳнату заҳматҳояш сазовори унвони «Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон», нишони сарисинагии «31-солагии Сарқонуни Ӯзбекистон» гардидааст.

Дилором Муродуллоева ҳоло дар нафақа аст. Пайвандонаш ба ӯ мегӯянд, «ана, акнун вақти дамгирӣ расидааст», вале ӯ мегӯяд, ки «ҳаёташро бе мактабу шогирдонаш тасаввур карда наметавонад». Гӯё ин мисраъҳо маҳз барои муаллима гуфта шуда бошад:

*Муаллим, умри ту сарфи*
*қалам шуд,*
*Ғаму шодӣ шабу рӯзат*
*баҳам шуд.*
*Ду чашмонат чу шамъи*
*пилтасӯзе,*
*Дурахши роҳи мардум*
*гашту кам шуд.*

Мо аз фурсат истифода бурда, устоду шогирдро бо ғолибият муборакбод менамоем.

**Дилрабо НАЗАРОВА,**
**доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ.**

# «...КИ МУШКИ СУДА МЕРЕЗАД ЗИ ХОКАШ»

## (Ходимони «Овози тоҷик» зери шиори «Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат» аз вилояти Бухоро боздид намуданд)



*Дар Боғи Сомониён.*

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Алломаву бузургон модарро гиромӣ доштаанд. Қабри модари Баҳоуддини Нақшбанд дар паҳлуяшон ҷойгир аст. Дар байни мардум гапе ҳаст: «Нақшбанд гуфтаанд: «Қабл аз он ки маро зиёрат кунед, ба ҳаққи модарам дуо кунед», – гуфт дигар роҳбаладои мо, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, доктори улуми филология, профессор Таваккал Ҷориев.

Пасон аз мадрасаи Нодир-Девонбегӣ, тоқҳои Саррофон, Заргарон, Мағоки Атторӣ, мадрасаи Улуғбек, манораи Калон, Арк, Боғи Сомониён – мақбараи Исмоили Сомонӣ дидан кардем.

Дар назди мақбараи Исмоили Сомонӣ таърихнигор Раҳмат Ғаниев ба забони аҳли Бухоро – ба забони ноби тоҷикӣ ҳарф мезад. Гурӯҳи сайёҳон низ ба донишманд гӯш меандохтанд. Дар ҳамин ҷо ҳамкори мо Муҳаммад Шодии шоир аз ҷавоне, ки дар паҳлуяш меистод, пурсид:

– Шумо аз куҷо омадед, оё ин забонро мефаҳмед?

– Бале, ман аз Теҳронам. Мо як гурӯҳ сайёҳ аз Эрон омадем. Забони нотиқро хуб мефаҳмем. Ӯ ба забони Рӯдакию Фирдавсӣ ҳарф мезанад.

Оре, хориҷиён низ аз шаҳри шарифе дидан доранд, ки маҳз дар ин ҷо ба адабиёти форсии тоҷикӣ асос гузошта шудааст.

Бо ҳамин рӯз бегоҳ шуда, офтоб ба қиём расид. Баъди гармии рӯзона шаббодаи гоҳи намози шоми Бухоро ба меҳмонон ва мардуми муқими он ҳаловат мебахшид. Ҳама бо хурсандӣ, шукргузорӣ ба тамошои растаҳои савдо, истироҳат дар атрофи фаввораҳо, яхмосу хӯрданиҳои дигар баромада буданд. Дар мадрасаи Нодир-Девонбегӣ дасторхони зебое ороста шуда буд. Сайёҳон гурӯҳ-гурӯҳ бо мамнуният ва қаноатмандӣ аз хӯрокҳои болаззати бухориён баҳра мебурданд. Зери мусиқии миллии халқҳои мухталиф мерақсиданд. Дар атрофи хони сайёҳон 65-солагии хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Навоӣ Ӯзбакбойи Раҳмонро низ табрик гуфтем.

Субҳи рӯзи дуюм, ҳангоме соҳиби меҳмонхона Ҳасан Розиқов моро гусел мекард, оиди ҳаммоми номии занонаи Кунҷаки шаҳр, ки аз шафати роҳамон баромад, маълумот дод. Назар ба маълумоти ӯ, ҳар кӯчаву гузари шаҳр ҳаммоми худро дошт, ки ҳоло яктоӣ ҳаммоми мардонаву занона боқӣ мондааст. Ҳаммоми Кунҷак дар асри XVI барпо гардида, то ҳол фаъол аст. Аҷобовараш ин ки гӯё оби истифодашудаи он ба куҷо – ба қаъри замин ё ҷои дигар заҳида меравад, касе намедонистааст.

Дар Бухоро пиразанҳое буданду то ҳол низ ҳастанд, ки дар ин ҳаммом бо табобати занони фарзандталаб машғул мешаванд ва муолиҷаи онҳо сабаб мешудааст, ки дар хонадонҳо гиряи кӯдак садо диҳад.

Сафарамонро дар ноҳияи Ғиждувон, ки нафақат бо фарзандони баилму дониш, балки бо корхонаҳои истеҳсолию саноатии худ дар вилоят ҷойгоҳи алоҳида дорад, идома додем. Байни шаҳри Бухорову Ғиждувон яксоатина роҳ буд. Вақте мо ба инҷо омада расидем, соати 8-и пагоҳӣ буд. Тафси ҳаво, ки ҳанӯз баланд набуд, зиёратгарон бомайлихотир зиёрат мекарданд.

Аз радиои зиёратгоҳ ровӣ бо ду забон — ӯзбекиву форсии тоҷикӣ рубоиёти Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувониро қироат менамуд. Мо эҳсос намудем, ки забони Рӯдакию Айнӣ дар Бухоро пойдор аст...

Манзили навбатии мо хона-музейи Устод Садриддин Айнӣ дар деҳаи Соктареи ноҳия буд. Аъзои гурӯҳ хуб медонистанд, ки дар осорхона корҳои тармиму таҷдид оғоз ёфтааст. Бино бар ин, хостанд аз ин макон низ дидан кунанд.

– Ҳокимияти вилояти Бухоро барои тармиму таҷдиди осорхона 600 миллион сӯм ҷудо кард, ки ин қисми аввали маблағ мебошад, – гуфт Рауф Авезов.

Дар осорхона корҳои таъмиру таҷдид идома дошт. Болорҳои кӯҳнаи айвони масҷид ба наваш иваз шудааст, ки мисли болорҳои пешина кандакорӣ кардаанд.

Вақте дохили ин бино қадам гузоштем, он манзараҳое, ки дар асари «Мактаби кӯҳна»-и Устод Айнӣ тасвир шудааст, ба назарамон ҷилвагар шуд, гӯё хонандагони ин мактаб чунон афту дарафт карданд, ки бурёи таки пой титу пит шуд ва ҳозир мударрис меояду бачаҳоро бо химчаҳои дароз чӯбкорӣ мекунад...

Азбаски корҳои тармиму таҷдид оғоз ёфта буд, экспонатҳои осорхонаро ғайр аз нимтанаи Устод Айнӣ ва суратҳое, ки лаҳзаҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯро акс мекарданд, дигар ҳамаашро ғундошта, ба хонаи Ҳасан Муслиҳиддинов — чабераи бародари Садриддин Айнӣ — Муҳиддинхоҷа гузоштаанд.

Мактаби кӯҳна дарҳақиқат ранги кӯҳна дошта бошад ҳам, услубу сохти хоси худро дошт, масалан, шифти он ба шаш қисми чаҳоркунҷа тақсим шудааст, ки ҳар яки он 5-тоӣ болор дошта, нисбати ҳам бо дарозию кӯндалангӣ ҷойгир шудааст.

Чанде аз ходимони рӯзнома таассуроташонро оиди хона-музей ба дафтари хотироти он навиштанд. Мо бо умеди бозгашт пас аз корҳои тармим ба ин ҷойи таърихӣ, ки дар ҳар қадами он нафаси даври кӯдакиву наврасии Айнӣ эҳсос мегардид, хайру хуш кардем.

Пас аз зиёрати пири дуюм — Хоҷа Муҳаммад Ориф Ревгарӣ, ки он ҷо низ хеле ободу зебоманзар буд, сӯйи яке аз баландтарин манораи кишварамон — Манораи Вобканд равон шудем. Албатта, боздид аз ин манора, ки таърихи дуру дароз дошта, вобаста ба он ривояту латифаҳои зиёде ҳаст, шавқовар буд, аммо ҳолати манора — «варам» доштани як қисми поёни он, ки шояд аз таъсири шӯрии замин бошад, табъро хира мекард. Ин сафар низ Рауф Авезов мужда расонд, ки дар рӯзҳои наздик корҳои тармиму таҷдиди манора, ки аз барномаи давлатӣ ҷой гирифтааст, оғоз хоҳад ёфт.

Боздиди навбатии мо аз Ситораи Моҳи Хоса — қароргоҳи тобистонаи амирони аморати Бухоро буд. Ходимонамон кӯшиш намуданд, ки оиди экспонатҳои он соҳиби маълумоти бештар шаванд. Ба мо маълумот доданд, ки амири Бухоро Абдулаҳадхон аз сабаби он, ки ин ҷо хушобуҳаво аст, он ҷоро қароргоҳ интихоб намудааст. Моҳи Хоса аввалин маскане буд, ки дар Бухоро соли 1924 бо барқ таъмин гардид. Ҳар як хонаи қароргоҳ бо услуби хоси ойнабандӣ сохта шуда, экспонатҳои он: чилойина, яхдони шишагин, ашёҳои кулолгарии асри XIX-и Ҷопон ва ғайра барои мо завқбахш буд.

Нишастамон дар тарабхонаи Лаби Ҳавз низ хотирмон гузашт. Сурудҳое, ки бо овози зиндаву ба забони тоҷикӣ танинандоз шуданд, бори дигар собит сохт, ки аҳли Бухоро тавре ки дар тасаввури мост, аз забони модарии худ чандон дур намондааст.



*Аз меваи боғи падарии Устод Айнӣ чашидем.*

Ин ҷо таъкид гардид, ки имсол ба оғози фаъолияти кории хабарнигори рӯзномаамон дар вилояти Бухоро Амрулло Авезов 25 сол пур мешавад. Муштариён хабарҳои таъҷиливу матолиби дилангези ӯро мутолиа намуда, бахрабардорӣ мекунанд. Ҳамкорон журналисти бомаҳоратро бо ин муносибат муборакбод намуда, ба ӯ хушиҳои ҳаётро таманно намуданд.

Дар бозгашт ба масъулини ин сафари хотирмон, бахусус Рауф Авезов ва ёваронаш, ки моро ҳамроҳӣ карданд, миннатдорӣ изҳор намуда, ба пойтахт баргаштем.

Пас аз бозгашт тариқи телеграм аз яке муаллифони фаъоламон аз ноҳияи Шофиркон Алимурод Темиров номае омад, ки муаллиф ҳам хурсандӣ ва ҳам таассуфи худро изҳор менамуд: «Охирҳои солҳои ҳаштодум зиёрати таҳририят карда, аз суҳбатҳои Ҷ. Қувноқ, Х. Қӯлдошев, Ш. Салимов, А. Фаттоев баҳраманд гардида будам, ки то ҳол фаромӯшнопазир аст, – навиштааст муаллиф. – Дар олами орзуҳо парвоз карда, бо кормандони «Овози тоҷик» вомехӯрдам... Онҳо ба Бухоро омадаанду банда бинобар беморӣ побандам».

Мо нияти онро мекунем, ки бо ин муаллиф ва муштарии деринаи рӯзномаамон дар сиҳатмандии комил дидорбинӣ хоҳем кард. Зеро, ба таъбири Сайидои Насафӣ:

*Хушо шаҳри Бухорову*
*хоки покаш,*
*Ки мушки суда мерезад*
*зи хокаш.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**Набия НОДИРОВА,**
**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигорони «Овози тоҷик».**

*ТОШКАНД — БУХОРО — ТОШКАНД.*

**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**

# КОРИ ПУРШАРАФИ МУАЛЛИМ

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*Ва аз падар устод дар пеш аст.*

Дар замири ин ҳикмат зиёда маъно нуҳуфта аст. Омӯзгорӣ корест шарафнок. Омӯзгорро қадр мекарданд, байни мардум ҳурмату эҳтироми хос дошт. Омӯзгор меомӯхт то биомӯзонад, маҳорати педагогиро такмил медод, месӯхт то бисозад. Имрӯз ба пешаи омӯзгорӣ бештар эътибор дода мешавад. Нуфузи омӯзгорон баланд мегардад. Солҳои пеш омӯзгорон аз имтиёзҳо маҳрум гардида буданд. Қадри омӯзгор поин рафт. Бисёр омӯзгорон аз пешаи муаллимӣ даст кашида, ба корҳои дигар машғул мешуданд. Сафи омӯзгорони мард кам гардида буд.

Ислоҳоти соҳаи таълим дар амал тадбиқ меёбанд. Муҳокимаи тадбирҳои рушди таълими томактабӣ ва мактабӣ қадами нав дар соҳаи таълим буд. Шиносоии Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти пешниҳоду таклифҳо оид ба инкишофи системаи таълими томактабӣ ва мактабӣ нишонаи эътибори Сарвари давлат ба кори таълиму тарбия мебошад. Маоши омӯзгорон зиёд гардида, обрӯ ва мавқеи онҳо дар ҷомеа мустаҳкам гардид. Бунёди Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб ибтидо мегирад, таъкид намудааст Сарвари давлат. Кулли бунёдкориҳои ҷомеа, рушду нумӯи кишвар ва дар ин замина беҳбуди ҳаёти иҷтимоӣ ба ҷавонон, ба дониш ва таҷрибаю маҳорати онҳо вобаста аст. Ҳар гуна ҷомеа ба ҷавонони донишманду соҳибкори бомаърифат ниёз дорад.

– Ислоҳоти соҳаи таълим, эътибори бевоситаи Сарвари давлат омили муҳими болоравии қадру шаън ва нуфузи омӯзгорон гардид. Ҳаёти моддӣ ва иҷтимоӣ беҳбудӣ пайдо кард. Муҳайё гардонидани шароит ва имконоти фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабӣ моро водор мекунад, ки бештар омӯзем, маҳорати педагогиамонро такмил диҳем, – мегӯяд муаллимаи мактаби рақами 17-уми шаҳри Навоӣ Дилдора Қоматова. – Ман 28 сол мешавад, ки ба шогирдон аз фанни технология сабақ медиҳам. Соли хониши равон роҳбарии хонандагони синфи 11- «Г»-ро дар ӯҳда дорам. 30 нафар духтару писарони ташнаи донишу илм ба шоҳроҳи ҳаёт қадам мегузоранд. Онҳо натанҳо бо хониши аъло, балки бо одобу рафтори намунавӣ, орзуҳои наҷиб ва комёбиҳояшон ифтихори мактаб мебошанд. М. Тошпӯлатова, С. Рустамова, Ш. Боротова, М. Холбӯтаева, Т. Абдинабиевҳо толибилмони пешқадами синф мебошанд. Имони комил дорам онҳо дар бунёди Ӯзбекистони Нав саҳм мегузоранд.

– Мактаби рақами 17-уми шаҳри Навоӣ дар вилоят яке аз таълимгоҳҳои бонуфуз мебошад. Дар ин даргоҳи таълим 2208 нафар толибилмон таълим мегиранд. Ба онҳо 186 нафар омӯзгорон сабақ медиҳанд. Ба омӯзгорони ҷавон муаллимаҳои соҳибтаҷриба Хурсандой Ҳотамова, Замира Бозорова, Ойша Тӯрақулова ва омӯзгорони тоифаи олӣ – Шаҳноза Абдуназарова, Матлуба Эргашева, Саодат Ашурова, Шоиста Ҷумъаева, Ирода Тағоева, Нафиса Қурбонова ҳамеша кумак ва маслиҳатҳои муфид медиҳанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАНДУРУСТИИ ӮЗБЕКИСТОН – РУСИЯ БАРГУЗОР ГАРДИД

***Дар шаҳри Самарқанд Форуми байналмилалии тандурустии Ӯзбекистон – Русия баргузор гардид.***

Дар он вазири тандурустии Ӯзбекистон А. Иноятов, вазири тандурустии Федератсияи Русия М. Мурашко, намояндагони корпуси дипломатӣ, ректор ва устодони донишгоҳҳои пешқадами тиббӣ, клиникаҳои бонуфузи тиббӣ, марказҳои ихтисосонидаи тиббӣ, роҳбарони ширкатҳои бузурги тиббӣ ва фармасевтии ҳар ду кишвар, дар умум беш аз 500 нафар вакилони соҳа иштирок карданд.

– Ҳоло дар муассисаҳои таълими олии тиббии Русия дар асоси барномаҳои муштараки таълимӣ дар зинаи бакалавр қариб 3200 нафар донишҷӯ, дар самти магистратура 170 нафар ва дар ординатураи клиникӣ 250 нафар ҳамватанонамон таҳсил мегиранд, – гуфт А. Иноятов.

Дар анҷуман лоиҳаҳои муштарак оид ба рақамикунонии соҳаи тиб, татбиқи барномаҳои омодасозии кадрҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо, гузаронидани конфронсҳои муштараки илмӣ-амалӣ, дарсҳои маҳорат ва тадқиқоти илмӣ, васеъ кардани доираи ҳамкориҳо дар соҳаҳои нейрохирургия, педиатрия, хирургия, кардиология ва онкология муҳокима шуданд.

Дар доираи форум вазир М. Мурашко аз Маркази ҷарроҳии кӯдаконаи Самарқанд дидан кард. Дар рафти боздид бо шароитҳо шинос шуда, оид ба нигаҳдории тандурустии кӯдакон фикру мулоҳиза ва таклифҳои худро баён намуд.

**Ф. ЮЛДОШЕВ.**

*САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4584 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.